ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

д.и.ф. ______________ Назар М.А.

"04" июли соли 2023

# ХУЛОСАИ

шӯъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи "Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

Диссертатсия дар мавзӯи "Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба" аз тарафи унвонҷӯ Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Абдуллозода Зебонисо Файзулло соли 1997 дар шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2001 бо ихтисоси ҳуқукшиносӣ хатм намудааст.

Абдуллозода З.Ф. барои таҳияи диссертатсия аз соли 2020 дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ қабул гардидааст.

**Роҳбари илмиаш** - Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ш. Душанбе.

Шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институт дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия оид ба мавзуи "Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба" чунин хулоса қабул намуд:

Таҳқиқоти илмии Абдуллозода З.Ф. "Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба" яке аз аввалин дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон таҳқиқоте мебошад, ки бахшида ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ гузаронида шудааст.

Қабули Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии кишвар 6 ноябри соли 1994 ҳамчун ҳуҷҷати дорои эътибори олии ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд ва самтҳои нави рушди ҷомеаро муайян кард. Арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ, ҷонибдорӣ аз принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин эътирофи гуногуншаклии моликият, махсусан моликияти хусусӣ аз ҷумлаи пешравиҳо мебошанд, ки заминаи рушди сифатан нави давлат ва ҷомеа гардиданд. Ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо пазируфтани Тоҷикистон соли 2012 дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи наверо боз намуд. Яке аз шартҳои ворид шудан ба ин созмон ин таъсис додани Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон буд, ки он баҳсҳои тиҷоратии байналмилалиро ҳамчун мақоми ғайридавлатӣ баррасӣ намояд. Бо дарназардошти ин 18 марти соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» (минбаъд - Қонуни ҶТ АБТ) қабул гардида, худи ҳамон сол дар назди Палатаи савдо ва саноати ҶТ Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар Қонуни ҶТ АБТ муқарраротҳое пешбинӣ гардидаанд, ки онҳо зарурати мутобиқ намудани Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМИ ҶТ)-ро ба меъёрҳои Қонуни ҶТ АБТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён овард. Аз ҷумла, боби 9 Қонуни ҶТ АБТ ваколатҳои бекор кардани қарорҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратиро дар баъзе ҳолатҳо ба салоҳияти судҳои иқтисодии ҶТ вогузор намудааст. Ғайр аз ин, бо мақсади ба роҳ мондани таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии ягона, судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки механизмҳои ҳуқуқии эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии дар ҳудуди ҶТ ва ё давлатҳои хориҷӣ қабулшударо дошта бошанд (боби 28 КМИ ҶТ). Ин муқаррароти КМИ ҶТ ба меъёрҳои Конвенсия оид ба эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражи хориҷӣ аз 10 июни соли 1958 (Конвенсияи Ню-Йорк) асос меёбанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки таҷрибаи амалисозии муқаррароти Конвенсия дар ҶТ ва берун аз он мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Бо мақсади таъмини иҷрои сархати шашуми банди 54 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005, тасдиқ карда шудааст ва мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ба санадҳои байналмилалӣ оид ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, муайян намудани асосҳои назариявӣ ва амалии татбиқи санадҳои зикргардида, гузаронидани чунин таҳқиқот саривақтӣ ва ба мақсад мувофиқ мебошад.

Илова бар ин, рушди қонунгузории миллӣ, аз ҷумла дар асоси муқаррароти Қонуни намунавии **ЮНСИТРАЛ**, ки он аз ҷониби беш аз 90 кишвар пазируфта шудааст, қабул шудани қонунҳои миллӣ, аз моҳияти универсалии ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ ҳамчун як институти мустақили ҳуқуқи шартномавӣ дарак медиҳад. Дар баробари ин, фарқиятҳое, ки дар танзими ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ дар кишварҳои дорои низоми ҳуқуқии умумӣ ва континенталӣ, аз ҷумла дар масъалаи ҳудуди мухторияти иродаи ҷонибҳо ҳангоми таҳияи созишномаи арбитражӣ, инчунин дар робита ба ҳадди дахолати судҳо ба мурофиаҳои арбитражӣ дида мешаванд, таҳлили амиқро тақозо мекунад.

Тибқи ин муқарраротҳо созишномаи арбитражӣ дар ҳалли баҳсҳо аз ҷониби арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ нақши муҳимро мебозад. Дар асоси он имконияти баррасии арбитражии баҳсҳо, доираи ваколатҳои арбитрҳо, ҳолатҳое, ки ба шартҳои эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ таъсир мерасонанд, муайян карда мешаванд. Дар робита ба ин, созишномаи арбитражӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ чӣ дар Тоҷикистон ва чӣ дар хориҷи кишвар ҳамеша диққати олимонро ба худ ҷалб намудааст. Новобаста аз кам набудани таҳқиқотҳо дар ин мавзӯъ то имрӯз он мубрамияти худро гум накардааст.

Бояд тазаккур дод, ки гуногунии амалияи арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ аз ҳолати ҷой надоштани ақидаи ягона дар байни мутахассисони соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз рӯи чунин ҷанбаҳои муҳими мавзӯи таҳқиқшаванда, ба монанди: доираи созишномаи арбитражӣ, ҳолатҳое, ки ба беэътибор донистани он оварда мерасонанд ва шартҳои ҳатмии паҳн гардидани он нисбати шахсони сеюм шаҳодат медиҳад. Дар рисолаи мазкур таҳлил ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи арбитражӣ оид ба масъалаҳои баҳсӣ ҷиҳати муайян кардани роҳҳои ҳалли онҳо ва таҳияи пешниҳодҳо роҷеъ ба такмили низоми марбутаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ заминаи мустаҳкам фароҳам меорад.

Бо назардошти афзоиши рақобати воситаҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо ва рушди воситаҳои алоқаи электронӣ дар робита бо арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, омӯзиши ақидаи арбитражи «виртуалӣ» ва мувофиқати онро ба қонунгузорӣ, амалияи арбитражӣ ва доктринаи ҳуқуқӣ амали саривақтӣ дониста мешавад. Чунин таҳқиқоти илмӣ дар ҶТ бори аввал гузаронида мешавад.

Дар натиҷаи омӯзиши муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории амалкунанда ва амалияи ҳуқуқӣ **муқаррар карда шудааст**, ки созишномаи арбитражӣ заминаи ягонаи ҳуқуқии баррасии баҳсҳо дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мебошад. Бе мавҷудияти созишномаи арбитражӣ парвандаи арбитражӣ оғоз карда намешавад ва мурофиаи арбитражӣ барпо намегардад. Эътироф кардан

ва ба иҷро расонидани ҳалномаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ низ аз созишномаи арбитражӣ вобастагии ногусастанӣ дорад.

Дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти дисертатсионӣ дар асоси усулҳои умумии илмӣ ва алоҳида **исбот карда шудааст**, ки унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ аз аломатҳои зерин иборат мебошанд:

1. Унсурҳои ҳатмӣ: а) интихоби муассисаи арбитражӣ ва ё истинод ба дастури он; б) ҷойи арбитраж; в) шумораи арбитрҳо; г) ҳуқуқи моддии татбиқшаванда; д) қатъияти ҳалномаи арбитражӣ.

2. Унсурҳои иловагӣ: а) тахассус ва шаҳрвандии арбитрҳо; б) шарти таъмини махфияти ҷараёни мурофиа барои иштирокчиёни он; в) муҳлатҳои тезонидашудаи ҳалли баҳс аз рӯи моҳият ва ғайра.

**Асоснок карда шудааст**, ки талаботи забони муҳокимаи арбитражӣ масъалаи муҳими мурофиавӣ ба ҳисоб рафта, аз доираи созишномаи тарафҳо берун мондани ин масъала боиси он мегардад, ки муқаррароти дастури мақоми арбитражии баррасикунандаи баҳс, ки на ҳамеша ба манфиати тарафҳо ҷавобгӯ мебошад, татбиқ карда мешавад, яъне ҳайати арбитраж забон ё забонҳоеро, ки бояд дар муҳокимаи арбитражӣ истифода шаванд, муайян мекунад.

Дар доираи тадқиқоти гузаронидашуда аз ҷониби муаллиф **муайян карда шудааст**, ки судҳои иқтисодӣ дар раванди баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои иқтисодии хориҷӣ дар асоси созишномаи арбитражӣ ду вазифаро иҷро менамоянд: ёрирасон ва назоратӣ. Ба функсияи ёрирасонии судҳои иқтисодӣ мусоидат кардан ба судҳои арбитражии байналмилалӣ дар ҳалли саривақтӣ ва самараноки баҳсҳо дохил мешавад. Функсияи назоратии судҳо бошад, ба онҳо имкон медиҳад, ки бо мақсади таъмини иҷрои ҳалномаи арбитражӣ ба баррасии арбитражӣ дахолат кунанд. Мазмуни ин вазифаҳо бо меъёрҳои конвенсияҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ ва амалияи арбитражии кишварҳои гуногун муайян карда мешаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар доктринаи ҳуқуқиие, ки бори аввал дар ҶТ пешниҳод гардида, таҳқиқоти ҳамаҷонибаи моҳияти созишномаи арбитражиро аз лаҳзаи бастани он аз ҷониби тарафҳо то лаҳзаи эътироф ва мавриди иҷро қарор додани ҳалномаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар бар мегирад, дида мешавад.

Хусусияти фарқкунандаи рисолаи мазкур дар он аст, ки он на танҳо ба проблемаҳои мубрами арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар ҶТ, инчунин дар кишварҳои хориҷӣ низ таваҷҷӯҳ менамояд. Бинобар сабаби кам будани таҷрибаи арбитаржи байналмилалии тиҷоратӣ дар Тоҷикистон дар таҳқиқоти илмӣ қонунгузории зиёда аз бист давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни мавзӯъ таҳлил гардида, аз таҷрибаи арбитражҳои байналмилалии тиҷоратии пешрафта ва таҷрибаи судии хориҷӣ мисолҳо ва амсолияҳо оварда шудаанд. Инчунин тамоюлҳои нави доктринаи ҳуқуқӣ, ки дар нашрияҳои хориҷӣ инъикос шудаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Рисола дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои шуъбаи номбурда муҳокима карда шудааст.

Муқаррароти назариявии рисола дар маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар мақолаҳои илмии нашршудаи ӯ тасдиқи худро ёфтаанд.

**Аҳамияти назариявии рисола** аз он иборат аст, ки дар он тахлили хамачонибаи проблемаи созишномаи арбитражӣ дар Точикистон ва давлатҳои хориҷа оварда шудааст, ки он вобаста ба мавзӯи таҳқиқот омухта шуданд. Таҳлили қонунгузории як зумра давлатҳо имкон додаанд, ки табиати муайянгардидаи созишномаи арбитражӣ ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқи шартномавӣ, ки бевосита ба ҳалли баҳсҳо дар арбитражҳои байналмилалӣ таъсир мерасонанд, дониста шуданаш пешниҳод гардидааст.

**Ақидаҳои ифодашуда**, муқаррарот, хулосаҳо, тавсияҳо пешниҳод шудаанд, ки метавонанд ҷиҳати такмили фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон мувофиқи тамоюлҳои муосир, дар омода намудани созишномаи арбитражии ба талабот ҷавобгӯ хизмат намояд, ки онҳо манфиати назарраси илмӣ ва амалӣ доранд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти бадастовардаи муаллиф** аз он далолат медиҳад, ки онҳо метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи ин соҳа заминаи илмӣ ташкил карда, кор карда баромадани омузиши илмии проблемаҳои созишномаи арбитражӣ, аз ҷумла дар аниқ муайян намудани институти арбитражӣ, унсурҳои он ва асоси такмили амалияи татбиқи қонунигузорӣ дар ин соҳа гардад.

Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида вобаста ба созишномаи арбитражӣ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои пешрафт ва самаранокии таҷрибаи арбитражҳои байналмилалӣ асос ёфтаанд.

**Муайян карда шудааст, ки** хусусиятҳои асосӣ, қоидаҳои расмӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-забонӣ, усулҳо ва талаботҳои тартиб додани созишномаи арбитражӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл гардидаанд.

**Муаллиф** низоми мафҳумҳо ва ақидаҳо дар бораи категорияи институти созишномаи арбитражиро таҳия ва коркард намудааст.

**Пешниҳод шудааст, ки** тавсияҳои амалӣ оид ба роҳҳои баланд бардоштани самаранокии татбиқи созишномаи арбитражӣ дар баррасӣ,

эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ ва фаъолияти арбитраж ҳамчун дастур ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

Маводи рисоларо инчунин метавон дар ҷараёни таълими курси «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», таҳияи маводҳои таълимӣ ва тавсияҳои методӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҳангоми нашри маҷмӯаҳое, ки таҷрибаи арбитражҳои байналмилалиро ҷамъбаст мекунанд, истифода бурд.

**Назария** дар асоси муқаррарот ва хулосаҳои мукаммали илмӣ, ки дар адабиёти илмӣ, қонунгузорӣ ва амалияи арбитражии давлатҳои гуногун ва Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ паҳн гардидаанд, асоснок карда шудааст.

**Идеяи мазкур ба натиҷаҳои** аз ҷониби умум эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихию ҳуқуқӣ, маводҳои таҷрибаи судӣ, қонунгузории ҷорӣ ва амсолияи судӣ асос ёфтааст.

Асарҳои илмии ҳуқуқшиносон ва мутахасисони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар баробари ин муаллиф на танҳо аз таҳқиқоти назарияи ҳуқуқи маданӣ, инчунин аз сарчашмаҳои соҳавӣ, ки масъалаҳои созишномаи арбитражиро дар ин ё он ҷиҳат баррасӣ кардаанд, васеъ истифода намудааст. Дар рисола таҳқиқоти олимони ҳуқуқшиноси ватанию хориҷӣ ба мисли Армино Б., Альберт Б., Амазу А. Асузу, Барон А., Бобоҷонзода И.Ҳ., Белов А.П., Богуславский М.М., Брагинский М.И., Вилкова Н.Г., Витрянский В.В., Ғаюров Ш.К., Кабатов В.А., Кристер С., Лебедев С.Н., Мата О., Морган Р., Маҳмудзода М.А., Маҳмадшоев Ф.А., Менглиев Ш.М., Минаков А.И., Ноттеҷ Л., Окезие Ч., Поздняков В.С., Раҳимзода М.З., Ричард Х. Крайдлер, Розенберг М.Г., Романенков Н.С., Светланов А.Г., Стюарт Д., Сеглин Б.С., Симон Ч., Фозилов Н., Хамид Ҷ. Гаравӣ, Хлестова И.О., Шонасридинов Н., Эдлунд Л. ва дигарон ба таври васеъ истифода шудааст.

**Чунин усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ**, ба монанди диалектикӣ, таҳлили системавӣ, муқоиса ва шабеҳнокӣ, шакли ҳуқуқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ, мантиқӣ, эмпирикӣ ва ғайра истифода шуда, он имкон додааст, ки мафҳуми «созишномаи арбитражӣ» аз нуктаи назари ҷаҳонбинии диалектикӣ баррасӣ гардида, муайян шудааст, ки созишномаи арбитражӣ қисми ҷудонашавандаи шартнома буда, унсурҳои созишнома бо ҳам алоқаманд ва ба баррасии баҳсҳои байни тарафҳо бевосита таъсир мерасонанд ва таҳлили қонунгузории ҶТ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ҳамзамон, назарияҳои мавҷуда оид ба созишномаи арбитражӣ ба қонунгузорӣ анҷом дода шудааст. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ созишномаи арбитражӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқии арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ баррасӣ шуда, мафҳум ва хусусиятҳои он муайян шудаанд. Усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имкон фароҳам овarданд, то мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузоштташуда ҳалли худро пайдо кунанд.

**Саҳми шахсии муаллифи** рисолаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Муаллиф 10 муқаррароти ба дифоъ пешниҳодшударо мураттаб ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардааст. Онхо дар диссертация ва автореферат пешниход карда шудаанд.

Муаллиф оид ба мавзӯи рисола 9 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз он 7 мақолааш дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Аз ҷумла:

**I. Мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Абдуллозода З.Ф. Проблемы правового регулирования арбитражного соглашения: анализ международно-правовых актов и законодательства [Матн] /. З.Ф. Абдуллозода // Журнал "Правовая жизнь" апрель-июнь 2020, №2 (30). – Душанбе, С. 214-227. ISSN 2307 - 5198

**[2-М].** Абдуллозода З.Ф. Проблемаҳои умумии эътибornокии созишномаи арбитражӣ [Матн] /. З.Ф. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). 2020/ №10. – Душанбе, С. 252-255. ISSN

**[3-М].** Абдуллозода З.Ф. Проблемаҳои ҳуқуқии эътибornокии моддии созишномаи арбитражӣ. [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Маҷалаи "Қонунгузорӣ" №1 (41), – Душанбе,2021 январ-март. С.51-61. ISSN 2410-2903

**[4-М].** Абдуллозода З.Ф. Хусусиятҳои танзими ҳуқуқии унсурҳои зарурии созишномаи арбитражӣ. [Матн] / И.Ҳ. Species Бобоҷонзода, З.Ф. Абдуллозода //Маҷалаи "Академии ҳуқуқ" 2021. №1(37). – Душанбе, С.83-99.

**[5-М].** Абдуллозода З.Ф. Масоили муайянномоии мафҳум ва мазмуни созишномаи арбитражӣ тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ [Матн] /. И.Ҳ. Бобоҷонзода, З.Ф. Абдуллозода // Маҷалаи "Ҳаёти ҳуқуқӣ" апрел-июн 2021, №2 (34). – Душанбе, С.74-93. ISSN 2307 - 5198

**[6-М].** Абдуллозода З.Ф. Табиати ҳуқуқӣ-гражданӣ ва унсурҳои созишномаи арбитражӣ [Матн] / И.Ҳ. Бобоҷонзода, З.Ф. Абдуллозода // Маҷалаи "Академии ҳуқуқ" 2022. №4 (44). – Душанбе, ISSN 2305-0535.

**[7-М].** Абдуллозода З.Ф. Аҳамияти ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ [Матн] / И.Ҳ. Бобоҷонзода, З.Ф. Абдуллозода // Маҷалаи "Академии ҳуқуқ" 2021. №1(37). 2022. №4 (44). – Душанбе, ISSN 2305-0535.

**II. Мақолаҳои илмии дар дигар маҷалаҳо, нашрияҳо ва маҷмуаҳо ба табъ расидаанд:**

**[8-М].** Абдуллозода З.Ф. Баъзе аз масъалаҳои назариявии татбиқи қонунгузорӣ дар фаъолияти судҳои арбитражӣ ва иқтисодӣ [Матн] /. З.Ф. Абдуллозода // Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (Душанбе, 14 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 261-271.

**[9-М].** Абдуллозода З.Ф. Нақши Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайдоиши институтҳои нави ҳуқуқӣ. [Матн] /. З.Ф. Абдуллозода // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-марҳилаи эҳёи давлатдории миллӣ”. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. (ш. Душанбе, 18 октябри с. 2022).

Нуктаҳои асосии таҳқиқот инчунин дар конференсияҳои зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

- Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 25-умин солгарди Ваҳдати миллӣ дар мавзӯи «Самаранокии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ». Маърӯза дар мавзуи “Баъзе аз масъалаҳои назариявии татбиқӣ қонунгузорӣ дар фаъолияти судии арбитражӣ ва иқтсодӣ”. (Душанбе, 14 июни соли 2022);
- Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – марҳалаи эҳёи давлатдории миллӣ». Маърӯза дар мавзуи «Роли сессияи шонздахуми Шурои Олии ЧШС Точикистон дар ба вучуд омадани институтхои нави ҳуқуқӣ». Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе, 18 октябри соли 2022;
- Конференсияи III -юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ”, Маърӯза дар мавзуи «Нақши судҳои иқтисодӣ дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ». ш. Душанбе, 28 апрели соли 2023.
- Конференсияи II-юми илми-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик Маърӯза: «Мурофиаи шартномавӣ: проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ». Дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе 29 апрели соли 2023;
- семинарҳои ҳармоҳаи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мақолаҳои интишорнамудаи унвонҷӯ дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзӯи созишномаи арбитражӣ гузаронидашударо дар бар мегиранд.

**Ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи

"Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба" бо ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33 -35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дигар соҳаҳои ҳуқуқ аҳамият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди муносибатҳои одатҳои муомилоти маданӣ дар кишвар мубрам мебошад.Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия дар раванди таълими ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории муосир дар Тоҷикистон, дар дигар соҳаҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти мақомотҳои ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиққунанда ва навиштани диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи "Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба" сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ мебошад.

Дар заминаи гуфтаҳои болозикр, шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **қарор кард:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи "Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба" кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ба талаботи муқаррargardида пурра ҷавобгӯ ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ сазовор аст.

2. Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзӯи "Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ тавсия карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Ба овоз монда мешавад: "тарафдор___6___нафар", "зид__нест__", "бетараф__нест__", хулоса якдилона қабул карда шуд. Асос: протоколи ҷаласа № 5 аз 30 июни соли 2023 мебошад.

Раисикунанда:
Мудири шуъбаи ҳуқуқи хусусии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ А. Абдуҷалилов

Котиби ҷаласа:
Лаборанти калони шуъбаи ҳуқуқи хусусии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон К. Раҳимова

Имзои Абдуҷалилов А. ва Раҳимова К.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ АМИТ

Х.Шозедов

30.июни 2023

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ